**Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Бо мақсади ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ ва рушди минбаъдаи иттилооти илмию техникӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад** (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012, №393):

**1.** Пешниҳоди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дар назди ин вазорат дар заминаи пажӯҳишгоҳи барҳамдодашавандаи ин вазорат таъсис додани Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шавад (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393).

**2.** Самтҳои асосии зерини фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шаванд (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393):

ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ дар дохил ва хориҷа, ҳамоҳангсозии кори ихтироот дар ҷумҳурӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393);

гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ оиди автоматикунонии равандаҳои иттилоотию ҷустуҷӯӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012, №393);

омада сохтани маводҳои аналитикию синтетикӣ оиди муҳимтарин дастовардҳои илму техникаи ҷаҳонӣ;

ҳамоҳангсозӣ ва гузаронидани тадбирҳо оиди таблиғи дастовардҳои илму техника ва таҷрибаи пешқадам;

мукаммалгардонии фонди ягонаи маълумотию иттилоотӣ ва патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти хусусиятҳои тараққиёти он, хизматрасони маълумотию иттилоотӣ ва ҳисобдории корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393);

бо тартиби муқарраршуда нашр намудани нашрияи расмии моликияти саноатӣ ва дигар маводи илмию техникӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393).

Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва коркарди таҷрибавию конструкторие, ки дар ҷумҳурӣ анҷом ёфтаанд ва ё иҷро шуда истодаанд (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393).

Таҳия ва аз рӯи тартиби муқарраршуда додани нусхаи ҳисобот оид ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ аз рӯи дархости вазоратҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо.

**3.** Пешниҳоди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба Китобхонаи давлатии патентию техникӣ табдил додани Китобхонаи ҷумҳурии илмию техникӣ ва ба ҳайати Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани он маъқул дониста шавад (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012, №393).

**4.** Ба зиммаи Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ дар дохили давлат ва чӣ дар хориҷа гузошта шавад (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393).

**5.** Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати як моҳ оинномаи Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби бақайдгириву баҳисобгирии корҳои илмӣ тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкториро таҳия ва тасдиқ намояд. Бо мақсади мусоидати он ба воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ва дигар аҳдномаю созишномаҳои байналхалқӣ оиди ҳифзи моликияти саноатӣ кори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаъол гардонад (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.08.2012 №393).

**Муовини Раиси Шӯрои**
**Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон** **А.Самадов**

**Мудири Корҳои Шӯрои**
**Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Р. Мирзоев**

**аз 28 маи соли 1993, №242**
**ш. Душанбе**